«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, профессор Гулназарзода Ж.Б.
аз «24» 12 соли 2025

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Мадизода Умеда Муҳаббат унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба шумор мерафт.

Мадизода Умеда Муҳаббат соли 2007 ба факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси муаллими забони олмонӣ хатм кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мадизода У.М. бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 30.12.2021 таҳти рақами №5/4-5 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳ қабул гардидааст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 30.12.2021 таҳти унвони «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои филологӣ, профессор, Қосимзода Солеҳ Салим мебошад.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертант Мадизода Умеда Муҳаббат 24-уми апрели соли 2025, №04/221 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 23-юми октябри соли 2025, №3 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст. Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос бо номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Мавзуъ ва масъалагузории диссертатсия дар доираи нишондоди ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) баррасӣ гардида, номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос мувофиқат мекунад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд. Диссертатсияи мазкур оғози пажуҳиши вижаи илмӣ дар ин самт буда, диққати муҳаққиқон ва алоқамандони адабиётро ба омӯзиши масъалаҳои алоқаманд ба он ҷалб мекунад. Таҳқиқи густурда ва фарогири таърихи ташаккул ва таҳаввули падидаи адабии татаббуъсароӣ ва фарозу фуруди он дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик буда, дурнамои мавзуи диссертатсияро таъйид менамояд. Дар маҷмуъ, сайри таҳаввули татаббуъ дар садаҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва нақши шоирони ин давра дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули он, робитаҳои адабии шоирони давраҳои гуногун дар ин замина мероси адабию фарҳангии боғанои тоҷикон буда, паҳлуи муҳими адабиёти форсии тоҷикии давраи хосро ташкил медиҳад.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву конференсия ва семинарҳои илмиву назариявии ҳамасолаи ҳайати профессорон ва омӯзгорони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба

номи Сотим Улуғзода ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳаҷми диссертатсия, коркарди нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар заминаи сарчашмаҳои таҳқиқшуда муайян карда шудаанд, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро собит менамоянд. Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии муҳаққиқро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти шоирони татаббуъсаро дар асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ, ҳамчунин, асрҳои минбаъда ва, дар ин замина, бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми онҳо дар таърихи адабиёти тоҷик мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Мадизода У.М. дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 фасл, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Вобаста ба мазмун ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,26 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мазмуни диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-А]. Мадиева У.М. Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиш ва таҳаввули татаббуъ / У. М. Мадиева // Ахбори Академияи миллии илмҳои

Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2024. – № 4 (278). – С. 306-313.

[2-А]. Мадиева У.М., Қосимзода С.С. Истиқбол аз шеъри Фаррухӣ ва мухтассоти ҳунарии он [Матн] / У.М. Мадиева, С.С. Қосимзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – № 1 (114). – С. 129-137. ISSN 2219-5408.

[3-А]. Мадиева У. М. Татаббуъоти қасидаҳои Унсурӣ ва моҳияти ҳунарии онҳо [Матн] / У. М. Мадиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 2 (58). – С. 287-294. ISSN 2226-9355.

[4-А]. Мадизода У.М. Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он (Дар мисоли Табаббуъоти Рашиди Ватвот, Саноӣ ва Саид Ҳасани Ғазнавӣ) [Матн] / У.М. Мадиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлалии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – № 5 (118). – С.214-221. ISSN 2219-5408.

II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-А]. Мадиева У.М. О рифме как важнейшем факторе стихосложении [Текст] / У.М. Мадиева // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции: «Русский язык в современном образовательном и научном пространстве» в рамках реализации «Государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года», 18 – февраля 2025 г. – Душанбе, 2025. – № 2 (58). – С. 155-158.

[6-А]. Мадизода У.М. Нигоҳе ба маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ [Матн] / У.М. Мадизода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Боқӣ раҳимзода ва муҳити адабии садаи ХХ». – Душанбе: ДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025.– С.227-231. ISSN 978-9906-701-27-3.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 23.10.2025, №3 қабул гардидааст.

Иштирок дошт: ҳамагӣ 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, – Шамсов Нурмад Сироҷович

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода – Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои Н.С. Шамсов ва Ш.Э. Боевро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода – Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6
Тел.: +992 (37) 2325000, 2328730, факс: 2325003
Mail: rector@ddzt.tj; info@ddzt.tj; ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj